«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ д.и.и., профессор
__________ Давлатзода Қ. Қ.
«___» ________ 2024 г.

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба рисолаи илмии Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич «Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сомониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» мазмунан ва мантиқан ба талаботи шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мувофиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала**. Дар замони ҷаҳонишавӣ эҳёи арзишҳои ахлоқии ниёкон, ки дар баробари тадбири манзилу сиёсати мудун ҷузъи фалсафаи амалӣ мебошад, метавонад дар танзими рафтору амали инсонҳо, ҳалли мушкилоти ҷамъиятии ҷомеаи муосир нақши муассир бозанд. Пас омӯзиши низом ва вижагиҳои низоми давлатдорӣ, хусусан ҷанбаҳои ахлоқи давлатдории бумиро омӯхтан сари вақтӣ аст. Дар таърихи давлатдори тоҷикони аҳди Сосонӣ мақоми бориз дошта, низоми ахлоқӣ дар умури давлатдории ин давра арзиши воло ба ҳисоб мерафт, ки омӯзиши он ниёз ба таҳқиқ дорад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни этикаи аҳди Сосониён аз назари илмию фалсафӣ дорои аҳамият ва арзиши хосса мебошад. Таҳқиқ ва баррасии мавзуи **«Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён»** барои замони муосир дорои аҳмияти зиёд буда, дар тафаккури миллӣ, махсусан эҳёи мероси фарҳангӣ ва тамаддуни ориёӣ ва дар асоси он рушди фарҳанги муосир, як воситаи муҳими худшиносӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ ва таъмини бунёди ҷаҳонбинии тоза барои миллати тоҷик маҳсуб меёбад. Яке аз маншаҳои асоси этикаи аҳди Сосониён дар пояи се рукни ахлоқии зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек мансуб меёбад. Дар ин замина Сосониён дар низоми давлатдорӣ принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои аҳолиро новобаста аз мансубияти динию нажодӣ, ки аз ин се рукни ахлоқӣ маншаъ мегиранд, таъмин карда, ба як давлати пуриқтидор, ки аз як маркази воҳид идора карда мешуд, табдил ёфтанд. Аз ин рӯ, истифода ва

татбиқи усулҳо ва принсипҳои низоми идоракунии давлатдории Сосониён барои ҷомеаи муосир, аз ҷумла давлатдории миллии тоҷикон дар мавриди расидан ба арзу доди шаҳрвандон, одилона ва оқилона ҳаллу фасл намудани низоъу бархурдҳо, роҳ надодан ба тафриқаандозии маҳаллӣ, минтақавӣ, миллию нажодӣ, вусъат бахшидани ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ, эҳёи расму оин ва ҷашну маросими миллӣ ва ғайра, бо назардошти хусусиятҳо ва воқеиятҳои давраи ҳозираи рушди давлати Тоҷикистон аз ҳар ҷиҳат аҳамияти хосса дорад.

Диссертант мавзуъро ба таври густурда ва амиқ мавриди таҳлил қарор дода, ҷанбаҳои таҳқиқталабро дуруст мушаххас намудааст. Дониши хуби назариявӣ оид ба мавзуъ имкон додааст, ки диссертант масъалаҳои мавҷударо амиқ омӯхта, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намояд. Диссертант сарчашмаҳои гуногунро таҳлил намуда, барои таҳқиқи мавзуъ маълумоти муфидро истифода намудааст.

Дар диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Садвалиевич **«Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён»** объект ва предмети таҳқиқот бо ҳам мувофиқат мекунанд. Ба сифати объект фалсафаи ахлоқ ба низоми давлатдории Сосониён интихоб шуда, предмети онро омӯзиш ва пайдо намудани ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар назария ва амалияи салтанати Сосониён ба ҳисоб меравад.

Диссертант дар қисмати “Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот” ба равиши диалектикӣ ба ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, инчунин ба истифодаи равиши муқоисавӣ - таърихӣ дар таҳқиқи равандҳои маънавию иҷтимоӣ ишора намудааст. Равиши диалектикӣ ва муқоисавӣ – таърихӣ ба диссертант имкон додааст, ки марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, ҳамчунин сарчашмаҳои илмии мухталифро бо ҳам муқоиса намуда, ба дастовардҳои хуби илмӣ ноил гардидааст.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи **Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич** муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Мавзуи таҳқиқот ва методҳои истифодашуда дар диссертатсия ба талабот ва стандартҳои илмии ихтисоси интихобшуда мутобиқ мебошанд. **Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич «Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён»** аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад.

Диссертант боби якуми кори таҳқиқоти худро **«Заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ – сиёсӣ ташаккулёбӣ ва таҳаввули этика дар аҳди Сосониён»** номгузорӣ намуда, мавзуи мавриди назарро хеле муфассал ва асоснок баррасӣ намудааст, ки бесабаб нест. Зеро таърихи ташаккул ва фаҳмиши

ин мафҳуми этика ба давраҳои қадимии тамаддунҳои бостонӣ, аз ҷумла Юнони Қадим ва Фарҳанги Осиё, иртибот дорад. Этика ҳамчун шохаи фалсафа ба омӯзиши меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқӣ, ки ба амали инсон ва муносибатҳо дар ҷомеа дахл доранд, равона шудааст. Дар ин замина, этика ба масоили накукорӣ ва бадкирдорӣ, масъулияти шахсият ва адолат дар муносибатҳои инсонӣ мепардозад. Диссертант ба хотири огоҳии бештар ва дақиқтар зербоби якум **«Таърихи ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи илмии мафҳуми этика дар низоми донишҳои фалсафӣ» -** бар он назар аст, ки ташаккули фаҳмишҳои илмии этика аз фалсафаи Юнони Қадим, бахусус дар таълимоти Сукрот, Афлотун ва Арасту сарчашма мегирад, дар таълимоти Сукрот этика ҳамчун маърифати некӣ маънидод мешавад. Аммо истилоҳи мазкур бошад, дар таълимоти Афлотун ҳамчун низоми ахлоқ бо такя ба идеяҳои олии худ, ки ҳақиқат ва адолатро муаррифӣ мекунад, чун принсипҳои ахлоқӣ барои идоракунии давлат ва таҳкими ҷамъият муҳим арзёбӣ шудааст.

Дар низоми давлатдории Сосониён зардуштия ҳамчун дини расмӣ пайвастагии хос дошт, таълимоти динии он сарчашмаи қонунҳои амаликунанда ба ҳисоб мерафтанд. Меъёрҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии зардуштия асосан дар «Авесто», китоби муқаддаси ин дин, бо равшанӣ баён шудаанд. Ин арзишҳо таъкид мекунанд, ки инсон бояд росткор, одил ва бовиҷдон бошад. Зардуштия бо таълимоти худ дар бораи накукорӣ, мубориза бо бадӣ ва риояи адолат дар муносибатҳои инсонӣ кӯшиш мекард, ки тартиби иҷтимоиро дар ҷомеаи сосонӣ нигаҳ дорад ва заминаи ахлоқии низоми давлатдориро таҳким бахшад. Ҳамин тавр, зардуштия на танҳо ба як дини маънавӣ, балки ба як қонуни иҷтимоӣ ва сиёсӣ табдил ёфт, ки асоси ҳамоҳангсозии ҳаёти иҷтимоӣ ва баробарии аҳли ҷомеа гардид.

Адолат дар Зардуштия ҳамчун як мафҳуми калидӣ пазируфта шуда буд ва ин мафҳум ба тамоми ҷанбаҳои зиндагии ҷамъиятӣ ва давлатӣ ворид шуд. Подшоҳони сосонӣ, ки аксарият худро ҳамчун «шоҳи адолатпарвар» муаррифӣ мекарданд, бар он бовар буданд, ки ҳокимияти онҳо аз худо (Аҳурамаздо) маншаъ мегирад ва вазифаи онҳо таъмини адолат ва баробарӣ дар миёни мардум аст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм диссертант **«Академияи «Гунди Шопур» ва нақши он дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён»** номгузори шудааст.

Дар шаҳри Аҳвоз аввалин Академия бо номи Академияи «Гунди Шопур» таъсис дода шуда буд, ки асосгузораш шоҳ Шопури II буд. Бо таклифу дархости ӯ олимони зиёди гуногунзабон аз марказҳои фарҳангии Шарқу Ғарб ба ин даргоҳи муқаддас ҷамъ оварда шуда буданд. Масалан, шоҳ

Шопури II табиби насронӣ Теодорусро аз Рим, Канакаи Ҳиндуро аз Ҳинд ва олимону файласуфони дигарро аз Юнон ба ин Академия даъват намуда буд ва барои фаъолияти пурсамари онҳо тамоми шароитҳоро муҳайё намуда буд. Табиби барҷастаи араб Ҳорис ибни Калда низ аз ин ганҷинаи бузурги илму фарҳанг баҳра бардошта, ба мақому мартабаи бузурге мушарраф гардида буд. Ин Академия робитаи фарҳангии мардуми ду минтақаи маданӣ, яъне Шарқу Ғарбро бо ҳам пайваст менамуд.

Дар Академия асосан илми тиб рушд намуда, вале дар баробари илми тиб, илмҳои ҳандаса, риёзиёт, нуҷум, фалсафа ва мусиқӣ низ ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расида буданд. Омӯзиш дар ин ҷо ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ буда, дониши амалии толибилмонро дар назди бемор месанҷиданд.

Диссертант чунин назар дорад, ки нақши Академияи «Гунди Шопур» на танҳо дар соҳаи илм ва дониш, балки дар ташаккули меъёрҳои ахлоқии давраи Сосониён низ возеҳан намоён аст. Бо таъсири донишмандони зиёде аз сарзаминҳои мухталиф, аз ҷумла Юнон, Ҳиндустон ва Рум, ин муассиса ба ҷойи табодули фарҳангҳо ва донишҳои ахлоқӣ табдил ёфта буд. Аз ҷумла, дар ин замина, тафсирҳои ахлоқӣ ва фалсафии юнониҳо ва ҳиндуҳо бо таълимоти Зардуштия омезиш ёфтанд ва ба ин васила барои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии сосониён саҳми муҳим гузоштанд. (Диссертатсия саҳ. 66)

Академияи Гунди Шопур маркази илмӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб рафта, таъсиси он дар аҳди давлатдории Сосониён таҳаввулоти ҷиддиеро дар рушди илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ гузошт. Самти фаъолияти кории донишмандони муассисаро на танҳо таҳияи китобҳо, балки тарҷума, тафсир ва нашри китобҳои арзишманди гузаштагон ташкил медод.

Боби дуюми диссертатсия **«Ахлоқ – мавзуи меҳварии хаттии аҳди Сосонӣ »** номгузори шудааст. Яке аз осори хатти замони Сосониён ин «Корномаи Ардашери Бобакон» (порсии миёна «Kārnāmag ī Ardaxšīr ī Pābagān») буда, яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои таърихӣ ва ахлоқии ин аҳд ба ҳисоб меравад. Дар асари мазкур на танҳо баёнгари саргузашт ва фаъолияти бунёдгузори давлати Сосониён, Ардашер Бобакон, балки инъикоскунандаи арзишҳои ахлоқӣ ва идеалҳои иҷтимоӣ-сиёсиест, ки дар замони ӯ рушд кардаанд.

Зербоби аввали боби дуюм **«Корномаи Ардашери Бобакон» – сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён** » номгузори шудааст, ки асосан нақши бориз ва арзишманд доштани ин асарро дар таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ дар давраи Ардашер нишон медиҳад. Дар асари мазкур чун ишора шудааст, ки чӣ гуна

арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсати давлатӣ ҷой доранд ва ба ҳукмронии Сосониён ҳамчун унсури муҳими мустаҳкамсозии ҳокимият ва нигоҳдории сулҳу субот дар ҷомеа хидмат карданд. Ба ҳамин тариқ, «Корномаи Ардашери Бобакон» на танҳо як сарчашмаи муътамади таърихӣ, балки роҳнамои ахлоқии аҳди Сосониён низ ба шумор меравад, ки идеалҳои адолат, хирад ва садоқатро ба подшоҳӣ ва давлатдорӣ инъикос менамояд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён»** ном гирифтааст.

Аҳди Сосониён на танҳо бо дастовардҳои сиёсӣ ва низомии худ машҳур аст, балки бо мероси бойи хаттӣ ва фалсафӣ низ шинохта шудааст, ки дар маркази он масъалаҳои ахлоқӣ ва арзишҳои инсонӣ, динӣ ва дунявӣ ҷой доштанд. Дар ин давра, махсусан дар доираҳои илмӣ ва динӣ, баррасии масъалҳои ахлоқӣ ба яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёти маънавии мардум табдил ёфт. Мероси хаттии аҳди Сосониён, ки аз матнҳои андешамандон, файласуфон ва рӯҳониёни зардуштӣ иборат аст, дар худ таълимот ва андарзҳои ахлоқӣ дар бораи инсони комил, адолат, росткорӣ, адлу инсоф ва муносибат ба дигаронро инъикос кардааст. Ба ин масъалаҳо тавассути матнҳои андарзномаҳо ва панду ахлоқномаи барҷастагон таваҷҷуҳи хос дода мешуд. Вобаста ба масъалаи мазкур муаллиф чунин хулосабарорӣ мекунад, ки «дар давраи Сосониён мероси хаттӣ дар шакли достонҳо, андарзномаҳо, катибаҳо ва қитъаҳо таълиф карда шуда, пурра тамоили ривоятӣ ва асостирӣ надоранд, балки фарогири рукнҳои фалсафаи амалӣ мебошанд. Барои тасдиқи фикр якчанд осори хаттии аҳди сосониёнро ҷиҳати муайян кардани ҷойгоҳи ахлоқ ва сатҳи баррасии масоили ахлоқӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем. (Диссертатсия саҳ. 110)

Мероси хаттии мардумони тоҷику форс достонҳо, андарзномаҳо, катибаҳо, қитъаҳо ба ҳисоб рафта, ба таври комил хусусияти асотирӣ надоранд. Ахлоқ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ мавзуи баррасии ин ёдгориҳои таърихӣ мебошанд. Хусусан, катибаҳо ба таври ниҳоят муъҷаз, кутоҳ нигошта шуда, инъикоскунандаи мавзуҳои мухталифи ахлоқӣ-фалсафӣ мебошанд, ки аз рӯзгори куҳан ба насли имрӯзи ҷомеа мерос мондаанд ва арзиши баланди илмӣ доранд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **«Аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон»** диссертант дар ин зербоб маншаҳои асоси этикаи Сосониён, ки маншаи асосии он таълимоти зардуштия ва анъанаҳои ахлоқии ин давра

ташаккул ба ҳисоб меравад нишон дода, аҳамияти онро дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ баланд арзёбӣ намудааст. Ин меъёрҳо, ки дар давраи ҳукмронии Сосониён нақши муҳиме бозиданд, дар ташаккули низоми давлатдории миллии Тоҷикистон низ таъсири назаррас доранд. Ҳарчанд дар байни ин ду давра асрҳои тӯлонӣ гузашт, арзишҳои асосие, ки дар ҷомеаи сосонӣ ташаккул ёфтанд, ҳамчун манбаи илҳом барои давлатдории муосири Тоҷикистон хидмат мекунанд.

Дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла дар низоми давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин арзишҳои ахлоқӣ, меъёрҳои риояи адолати иҷтимоӣ, ки тамоили инсонгароёӣ доранд, аз мадди назар дур намонданд, балки зимни таҳияи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ба таври зарурӣ ба эътибор гирифта шудаанд.

**Натиҷаҳои мушахасси илмӣ.** Аҳамияти илмӣ, назариявӣ, амалӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалии бадастомадаро метавон ҳангоми мушаххас кардани заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккул ва таҳаввули ахлоқ ҳамчун шохаи илми амалӣ, муайян кардани сатҳи баррасии масъалаҳои ахлоқӣ ва тавсифи категорияҳои ахлоқӣ дар куҳантарин ёдгориҳои хаттии мардуми тоҷику форс ва таъсири онҳо барои таҳким ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои баъдинаи рушди ҷомеаи инсонӣ ба таври васеъ истифода намуд. Илова бар ин, маводи коркардшуда, натиҷаҳои илмӣ-амалии бадастомадаро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, матни мухтасари лексияҳо, маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, дигар воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, ахлоқ, этикаи коргузорӣ, фарҳангшиносӣ, сотсиологӣ истифода намуд.

Инчунин, истифодаи хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар раванди баргузор кардани корҳои тарбиявӣ, ташвиқотӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, арҷ гузоштa тавонистан ба арзиш ва муқаддасоти миллӣ, пешгирӣ аз таассубу хурофот ва ғайра аз манфиат холӣ намебошанд

Дар охири диссертатсия муҳаққиқ хулосаҳои худро аз кори таҳқиқотии худ ба таври мухтасар ҷамъбаст намуда, дар ҳаҷми 6 адад тавсияҳое низ пешниҳод намудааст, ки ба инобат гирифтани онҳо барои ҳар кадом ҷомеаи муосири мо аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Дар баробари муваффақиятҳо диссертатсия аз баъзе камбудиҳо низ холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсияи мазкур этикаи аҳди Сосониён муфассал таҳқиқ гардида аст, аммо бо ахлоқи исломии асрҳои миёна қиёс мегардид, беҳтар мегардид.

2. Ду параграфи боби дуюм, мутаносибан «Корномаи Ардашери Бобакон»- сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқи аҳди Сосониён ва «Ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масаъалаҳои ахлоқӣ дар меросӣ хаттӣ аҳди Сосониён» номгузорӣ шудаанд, танҳо аз руйи номи параграф аз ҳам фарқ намуда, аз руй мазмунашон яксонад ва онҳоро дар як параграф муттаҳид кардан мумкин буд.

3. Дар матни диссертатсия гоҳ – гоҳ хатоиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд ва мӯҳтавои кор ба нуктаҳои асосии диссертатсия мувофиқ аст. Таълифоти нашрнамудаи муаллиф мӯҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич **«Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён»** ба талаботи бандҳои 31-35 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Тақриз дар маҷлиси кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донигоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ 26 – уми августи соли 2024, суратҷаласаи 1 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлиси кафедра 16 – нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

**Омодасози лоиҳаи тақриз:** н.и.ф. и.в.,
дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ Қурбоншоев И. Ҷ.

**Раисикунанда:** мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ н.и.т., дотсент Шарофзода Э.У.

**Котиби ҷаласа:** н.и.ф., и.в.
дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ Тураев Ф.Р.

Имзои Шарофзода Э. У. ва Курбоншоев И.Ҷ. – ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
Махсуси ДТТ ба номи М.С. Осимӣ Қодирзода Н. Ҳ.
28.08.2024

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, ш. Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабовҳо,10
Тел.: +992(237)22113511
Почтаи электронӣ ttu@ttu.tj
Сомона: www.@ttu.tj